## ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Рисолаи мазкур дар мавзуи хеле муҳим ва мубрам таҳия шуда, мубрамияти он аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва барномаҳои давлатии кишвар бармеояд. Зеро масъалаҳои ташаккули худшиносии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамчун корҳои таълимию тарбиявӣ яке аз вазифаҳои муҳими илми педагогика дар низоми системаи маориф ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо муаллифи диссертатсия мавзуи таҳқиқотии худро дар масъалаи “Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ” мавриди таҳқиқ қарор дода, умуман аз иҷрои баррасии он баромадааст.

Асосҳои назариявӣ, методологӣ ва замимаҳои эмпирикии рисола дуруст таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот ва фарзияи он муайян карда шудааст. Пойгоҳи таҳқиқот, методҳои таҳқиқотӣ ба мавзуи рисола мувофиқат мекунанд.

Бобҳо ва фаслҳои рисола мантиқан дуруст таҳия шуда, мазмуни онро пурра ифода мекунанд.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир гаштааст, ки муаллиф роҳҳои самаранокии ташаккули худшиносии миллии хонандагонро дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон асоснок намуда, шароитҳои педагогии онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар натиҷаи корҳои озмоишию

таҷрибавӣ муҳаққиқ роҳҳою шаклҳои инноватсионӣ ва технологияҳои мукаммалгардонии тараққидиҳандагиро пешниҳод намудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ аз ду боб, 8 зербоб, хулоса ва аз феҳристи адабиёт иборат буда, ҷавобгӯи мазмуни рисола мебошанд.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** ном гирифта, аз чор зербоб иборат аст. Таҳқиқи масъалаи мазкур ба таҳлили адабиёти иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ, таърихӣ, педагогӣ ва психологӣ оид ба масъалаҳои худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда ҳамаҷониба тахқиқ гардидааст.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки худшиносӣ ин василаи асосии ба маънавият муваффақу муяссар шудани инсону ҷомеа мебошад. Он решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат иллатнок мегардад. Бинобар ин, ниҳодҳои ҷомеа бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошанд, чораҳои зарурӣ андешанд. Ва умуман, ҳамаи паҳлӯҳои фазои мактаб, бояд фарогири дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ тарбия кардани насли наврас бошад. Ин вазифа мубрамии масъалаи таҳқиқшавандаро барои давлат ва ҷомеа боз ҳам муҳимтар мегардонад.

Дар боби аввали рисола мафҳуми «худшиносии миллӣ» ҳамчун раванди мураккаби педагогию психологӣ, шакли махсуси шуури миллӣ, нишонаи миллат, муайянкунандаи ҳаёти миллӣ, ҷузъҳои сохтори худшиносии миллӣ (маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, рафтор) ва вобаста ба он се унсури технологӣ дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик ҷудо карда шудааст, ки бо он пурра розӣ шудан мумкин аст.

Ҳамзамон, вазифаҳои худшиносии миллӣ, ба танзимдарории худшиносии миллӣ, арзишҳои миллӣ, идеали миллӣ, хусусиятҳои

таърихи гузашта, ҳозира ва рушдиояндаи миллат, хусусиятҳои этникии миллат, шароити иҷтимоию фарҳангии миллӣ, фарҳангу санъат, анъана ва расму оинҳои миллати тоҷик ҳаллу фасли худро ёфта, баҳри ба даст овардани мақсади муайян дар марҳилаҳои этникӣ баррасӣ шудаанд. Ҷиҳати таҳқиқи он меъёр ва нишондиҳандаҳое, ки натиҷаҳои он дар меъёрҳои баланд, миёна ва паст мушаххас гардидааст, дар рафти кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Докторанти PhD дар рисолаи илмии худ консепсияҳои гуногунро оид ба мафҳуми «худшиносии миллӣ» таҳлил намуда, сохтор ва ҷузъҳои таркибии онро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ вобаста ба қисматҳо пешниҳод намудааст.

Боби дувуми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ **«Имконияти педагогии таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва нақши корҳои беруназдарсӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** аз чор зербоб иборат буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- омӯзиши маводи таълимӣ дар синфҳои озмоишӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаст;

- дар зинаи ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ ҷавобҳои қисмати маърифатии худшиносии миллӣ - асоснок 60%, наонқадар асоснок–35%, беасос–5%. Ҷавобҳои қисмати эмотсионалӣ-баҳодиҳии худшиносии миллӣ асоснок-58%, наонқадар асоснок–30%, беасос–12%.Ҷавобҳои қисмати рафтори худшиносии миллӣ асоснок–50%, наонқадар асоснок–31%, беасос–19%–ро ташкил додааст;

- раванди худшиносии миллии хонандагони озмоишӣ ба таври мухтасар дар асоси натиҷаҳои бадастомада ҳаллу фасли худро ёфта, ба таври илмӣ донистану баҳо додани таърихи гузаштаи миллати тоҷик дар ташаккули худшиносии онҳо нақши хосса дорад, зеро ин донишҳо дар айни замон мояи ифтихорӣ онҳо гаштааст;

- собит карда шудааст, ки донишҳои илмӣ-таърихӣ, мазмуни ҷузъҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафторро бой гардонида, фаҳмишу тасаввуроти онҳо дар бораи мафҳумҳои «Ман–кистам», «Ман кӣ бояд бошам» мукаммал сохтааст.

- ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳангоми омӯзиши маводи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик дар доираи мавзуъҳои давраи навини давлатдории миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, сатҳи он дар дараҷаи ҷузъҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ ва рафтор, муайян карда шудааст.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи баланди худшиносии миллии хонандагони синфҳои озмоишӣ дар ҳамаи ҷузъҳои худшиносӣ 73%–ро ташкил додааст. Дараҷаи ташаккули худшиносии хонандагони синфҳои муқаррарӣ бошад, 27%–ро ташкил дод.

Дар зербоби сеюми боби дуввуми диссертатсия муаллиф собит намуд, ки корҳои беруназдарсӣ (соатҳои тарбиявӣ, маҳфилҳои фаннӣ, конференсияву семинарҳо) оид ба давраҳои гуногуни таърих, нақлу ҳикояҳо ва дигар шаклҳои кории мазмуни худшиносии миллидошта, воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори хонандагон ба шумор рафта, ба ташаккули сифатҳои шахсӣ, аз ҷумла ҳисси худшиносии миллии онҳо мусоидат менамоянд. Ин муқарраротӣ илмӣ-методӣ дар заминаи мисолҳои мушаххас ва озмоишҳои таҷрибавӣ дар рисола тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот бо мақсади муайян намудани натиҷаҳои бадастомада, дар синфҳои озмоишию муқаррарӣ вобаста ба қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ, рафтор, рефлексия ва худбаҳодиҳӣ оид ба сатҳи худшиносии миллии хонандагон санҷиши ҷамъбастӣ гузаронида шуд, ки ҷавобҳои онҳо дар ин марҳила нишондиҳандаи сатҳи баланди худшиносии миллии хонандагонро тасдиқ менамояд.

Нишондиҳандаҳои сатҳи худшиносии миллӣ, дурустии фарзия ва амсилаи таҳиянамуда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ исбот намуд, ки:

- майлу рағбати хонандагони синфҳои озмоишӣ ба хондану хуб донистани таърихи миллати хеш афзун гардид;

- дар хонандагон талабот нисбат дар худ ташаккул додани ҳисси худшиносии миллӣ ҷиддӣ инкишоф ёфт;

- майлу рағбати хонандагони синфҳои озмоишӣ нисбат ба хонандагони синфҳои муқаррарӣ дар гузаронидани чорабиниҳо ва корҳои тарбиявӣ зиёд гардид ва ғ.

Корҳои ба табърасидаи докторанти PhD 14 ададро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, 1 монография, 1 дастури таълимӣ барои омӯзгорони ҷавон, донишҷӯён ва шахсоне, ки ба масъалаҳои омӯзиши таърихи халқи тоҷик машғуланд, 12 адад мақолаи илмӣ, ки 8 тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и ФР нашр гардида, боқимонда дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Таҳлили рисола нишон медиҳад, ки дар баробари муваффақиятҳо, баъзе норасоиву камбудиҳо низ ҷой доранд, ки рафъи онҳо ва тавсияҳо ба кори минбаъдаи таҳқиқотии докторанти PhD аз манфиат холӣ нест:

1. Дар шифрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои докторантура аз рӯйи ихтисоси (PhD) дар соҳаи таҳсилот шифри махсус оид ба методикаи таҳсилоти таърихи халқи тоҷик ҷудо шудааст. Оё мумкин набуд, ки рисола дар самти он иҷро гардад?

2. Дар саҳифаҳои 6,7 диссертатсияҳое, ки ба мавзуи мазкур пурра дахл доранд ва дар ҷумҳурӣ дифоъ карда шудаанд, аз ҷумла М.Мирзоев, М.Турсунова, Т.Дониёрова (ҳам диссертатсия ва ҳам монография) ва дигарон баррасӣ ва таҳлил карда нашудаанд

3. Маълум аст, ки тибқи дастури Пешвои миллат, Президенти ҶТ ба ҳар як хонавода китоби "Тоҷикон"-и Б. Ғафуров тақсим карда шудааст. Вобаста ба ин, хуб мешуд, ки дар баробари мактаб хонаводаҳо низ объекти таҳқиқот қарор мегирифтанд. Ин нуқта аз муҳтавои рисола низ бармеояд, зеро дар он ба масъалаҳои худомӯзӣ, худинкишфёбӣ ва худтарбиякунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

4. Дар феҳристи адабиёти диссертатсия баъзе нуқсонҳое ҷой доранд, киислоҳталабанд: №32, 43, 46.

Аммо камбудӣ ва тавсияҳои зикршуда асосан ҷанбаи техникӣ доштаислоҳшавандаанд ва арзиши илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозанд.

Автореферати диссертатсия ба таври фишурда ва мухтасар мазмуну муҳтавои кори илмӣ-таҳқиқотиро ифода намуда, ба сохтору мундариҷаи худи кори илмӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» таҳқиқоти комил ва дар сатҳи баланди илмию пажӯҳишӣ бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
ва гуманитарии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Латифзода Д.Н.

Имзои Латифзода Д.Н. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов: Каримов М.Т.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Ҳусейнзода, 55.
Тел: +992(37) 2-37-07-10. 907-07-02-44.
E-mail: dilovarl @mail.ru
28.11.2022